Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҲОМИИ ОМӮЗГОР

№1 (198)
28 ЯНВАРИ СОЛИ 2026
Оғози нашр 18 декабри соли 2009

НАШРИЯИ ИТТИФОҚИ КАСАБАИ КОРМАНДОНИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## МАҶЛИСИ ВАСЕИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**23.01.2026, шаҳри Душанбе**



23-юми январ дар бинои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар кори маҷлис роҳбарият ва аъзои Ҳукумати мамлакат, Дастгоҳи иҷроияи Президент ва воҳидҳои сохтории он, роҳбарони мақомоти марказии давлатӣ, идораҳои назди Президент ва Ҳукумат, корхонаю муассисаҳои ҷумҳуриявӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ, бонкҳои давлатӣ ва саҳҳомӣ, рӯзномаю маҷаллаҳои расмӣ ва дигар шахсони масъул иштирок карданд.

Дар маҷлиси васеи Ҳукумат натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар дар соли 2025 муфассал баррасӣ гардида, вазифаҳои асосӣ барои соли 2026 муайян карда шуданд.

Дар маҷлиси васеи Ҳукумат нахуст ҳисоботи Сарвазири кишвар Қоҳир Расулзода оид ба натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар соли 2025 шунида шуд.

Тавре таъкид гардид, сарфи назар аз мушкилоти мураккаби ҷаҳони имрӯз ва таъсири манфии онҳо ба иқтисоди кишвар, соли 2025 барои мардуми Тоҷикистон соли бобарор ба ҳисоб рафта, дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии мамлакат пешравиҳои назаррас ба амал омаданд.

Ба таъкиди Сарвазири кишвар дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 176,9 миллиард сомонӣ баробар гардида, суръати афзоиши он 8,4 фоиз таъмин карда шуд.

Сатҳи таваррум 3,5 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2024 0,1 банди фоизӣ кам мебошад.

Соли 2025 ба қисми даромади буҷети давлатӣ 60,3 миллиард сомонӣ маблағ ворид гардид, ки нисбат ба нақша 7 миллиард сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соли ҳисоботӣ дар кишвар 400 корхонаи нави саноатӣ ба истифода дода шуда, суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ таъмин гардид.

Таъкид карда шуд, ки бо мақсади таъмини рушди устувори соҳаи энергетика ва ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда соли 2025 13 лоиҳаи сармоягузории давлатии соҳа ба маблағи 14,9 млрд сомонӣ мавриди татбиқ қарор дода шуд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати кишвар дар соли ҳисоботӣ ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ нисбат ба соли 2024 7 фоиз зиёд гардида, ба 24 млрд кВт. соат расонида шуд.

Соли ҳисоботӣ ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ 84,6 миллиард сомониро ташкил дода, афзоиши он нисбат ба соли 2024 9,5 фоиз таъмин гардид.

Бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ ва беҳсозии фазои сармоягузорӣ тайи солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати кишвар бо роҳи пешниҳод намудани имтиёзҳои андозию гумрукӣ дар самти рушди истеҳсолоти дохилӣ як қатор тадбирҳо андешида шуданд.

Дар соли 2025 ба кишвар ба маблағи 59,5 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид шудааст, ки нисбат ба соли 2024 35 фоиз зиёд мебошад.

Дар ин давра ҳаҷми умумии қарзҳои аз ҷониби низоми бонкии кишвар ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва аҳолӣ додашуда зиёд гардида, 30 миллиард сомониро ташкил дод.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ ба 28,7 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2024 23 фоиз зиёд аст.

Татбиқи 14 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 11,7 миллиард сомонӣ дар соҳаи нақлиёт имкон дод, ки рушди соҳа таъмин гардад ва дар натиҷа соли сипаришуда тавассути ҳама гуна нақлиёт 155 миллион тонна бор ва 1,1 миллиард мусофир кашонида шуд, ки нисбат ба соли 2024 мутаносибан 15,2 ва 11 фоиз зиёд мебошад.

Соли 2025 ҳаҷми умумии гардиши савдо 77,3 миллиард сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2024 14 фоиз зиёд аст.

Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ дар ҳамаи соҳаҳои хизматрасонӣ соли 2025 ба 30,5 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2024 13,2 фоиз зиёд мебошад.

Тадбирҳои андешидаи Ҳукумати кишвар имконият фароҳам оварданд, ки дар давраи ҳисоботӣ гардиши савдои хориҷӣ нисбат ба соли 2024 20,5 фоиз афзоиш ёбад.

Сарвазири мамлакат изҳор дошт, ки дар давраи ҳисоботӣ шумораи муассисаҳои томактабӣ дар кишвар ба 795 адад расида, дар муқоиса ба соли 2024 38 муассиса зиёд мебошад.

Вобаста ба фарогирии бештари кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 3 ҳазору 154 маркази инкишофи кӯдак бо фарогирии 182,7 ҳазор кӯдак таъсис дода шудааст.

Соли 2025 дар мамлакат 214 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва бинову синфхонаҳои иловагӣ барои 99 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шуд.

Ҳоло дар кишвар 4 ҳазору 56 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолият дорад.

Бо мақсади рушди соҳаи тандурустӣ ва сари вақт бартараф намудани мушкилоти мавҷуда соли 2025 аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои рушди соҳа 4,3 миллиард сомонӣ равона карда шуд, ки нисбат ба соли 2024 24,1 фоиз зиёд мебошад.

Дар ин давра 113 муассисаи соҳаи тандурустӣ сохта, ба истифода дода шуда, 301 муассиса таъмиру азнавсозӣ карда шуд.

Дар сиёсати давлатии Тоҷикистон танзими муносибатҳои меҳнатӣ, рушди бозори меҳнат ва бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ мавқеи асосӣ дорад.

Дар соли ҳисоботӣ дар мамлакат аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 280 ҳазор ҷойи кории нав таъсис дода шуд.

Дар идомаи маҷлиси Ҳукумат ҳисоботи вазири молия Файзиддин Қаҳҳорзода, раиси Кумитаи андоз Нусратулло Давлатзода ва сардори Хадамоти гумрук Хуршед Каримзода шунида шуд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар натиҷаи рушди иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, беҳтар намудани маъмурикунонии андозу хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ доир ба муқаррароти қонунгузории андоз, тавассути воситаҳои электронии пардохт вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ густариши раванди рақамикунонӣ ва дигар тадбирҳои андешидашуда дар соли 2025 аз ҳисоби андозҳо ва пардохтҳои дохилӣ ба буҷети давлатӣ 26,5 миллиард сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 3 миллиард 598 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Иҷрои нақшаи андозҳо ва пардохтҳо дар кишвар, аз ҷумла, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба андозаи 104,3 фоиз, вилояти Хатлон 103,1 фоиз, вилояти Суғд 107,1 фоиз, шаҳри Душанбе 119,8 фоиз ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмуъ, 109,5 фоиз таъмин карда шуд.

Доир ба натиҷаҳои фаъолияти мақомоти гумруку андоз баъди шунидани ҳисоботи роҳбарияти онҳо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иҷрои нақшаи пардохтҳои гумрукӣ, бартарафсозии қарзҳои андоз, пардохти нафақа ва суғуртаи иҷтимоӣ ва ба шакли электронӣ гузаронидани тамоми муносибатҳои молиявӣ дар ин соҳаҳо дастуру супоришҳои қатъӣ доданд.

Сипас прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳабибулло Воҳидзода доир ба фаъолияти мақомоти назорату санҷиш дар самти пешгирии ҷинояту ҷиноятконрӣ, бартарафсозии қонуншиканиҳо дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва риояи ҳатмии қонунҳои амалкунандаи мамлакат ҳисобот доданд.

Дастур дода шуд, ки мақомоти прокуратура ҷиҳати пешгирӣ аз ҳолатҳои риоя накардани қонунгузории мамлакат оид ба истифодаи замин, танзими ҷашну маросим ва дигар соҳаҳо тадбирҳои саривақтӣ ва бетаъхир андешанд.

Доир ба раванди ҷалби сармоя ба иқтисоди миллӣ ва роҳҳои афзун намудани он ҳисоботи раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Султон Раҳимзода шунида шуд.

Инчунин, дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода ва раиси Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Амонатбонк Алиҷон Салимзода доир ба соҳаи бонкдорӣ ва сиёсати пулию қарзӣ ҳисобот доданд.

Ба роҳбарияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Бонки миллӣ ва дигар бонкҳои давлативу саҳҳомӣ дастур дода шуд, ки ҷиҳати ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ, хусусан сармояи мустақим, устувор нигоҳ доштани қурби асъори миллӣ, афзун намудани ҳаҷми қарздиҳӣ, гузариш ба муомилоти ғайринақдӣ ва ба шакли пурраи электронӣ гузаронидани тамоми муносибатҳои молиявию бонкӣ чораҳои мушаххас андешанд.

Дар идомаи маҷлиси Ҳукумат вазири саноат ва технологияҳои нав Шералӣ Кабир гузориш дод.

Таъкид гардид, ки эълон намудани солҳои 2022-2026 ҳамчун «Солҳои рушди саноат» барои амалишавии раванди саноатикунонии босуръати кишвар заминаи устувор гузошт.

Соли 2025 дар кишвар корхона ва коргоҳҳои нави саноатӣ бо таъсиси 17 ҳазор ҷойҳои нави корӣ мавриди истифода қарор дода шуда, нисбат ба соли қаблӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 22,1 фоиз афзоиш ёфт.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарияти Вазорати саноат ва технологияҳои навро ҷиҳати татбиқи амалии яке аз ҳадафҳои стратегӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат тавассути ба истифода додани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои бозистода ва пешгирӣ кардани раванди аз фаъолият бозмондани корхонаҳои саноатӣ, афзоиш додани истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатноки ивазкунандаи

С. 2-3

воридот ва ба содирот нигаронидашуда, зиёд намудани шумораи корхонаву коргоҳҳои хурди истеҳсолӣ дар шаҳру ноҳияҳо, бахусус, дар самти коркарди меваю сабзавот ва таъмини фаъолияти муназзами корхонаҳои саноатӣ ва бо дарназардошти талаботи бозор ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти соҳа вазифадор намуданд.

Дар маҷлис, ҳамчунин, ҳисоботи вазири нақлиёт Азим Иброҳим шунида шуд, ки дар он натиҷаҳои фаъолияти соҳа дар соли 2025 ҷамъбаст гардида, самтҳои асосии рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо барои давраи минбаъда муайян карда шуд.

Вазорати нақлиёт вазифадор карда шуд, ки иҷрои вазифаҳои афзалиятнок барои соли 2026, инчунин, татбиқи саривақтӣ ва босифати лоиҳаҳои сармоягузориро, ки дар соҳа амалӣ мегарданд, таъмин намояд.

Ба вазири энергетика ва захираҳои об Далер Ҷумъа ва роҳбарони ширкатҳои соҳа барои татбиқи саривақтиву босифати лоиҳаҳои кам кардани талафоти неруи барқ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар, ҷорӣ намудани низоми биллингӣ ва баҳисобгирии пурраи истифодабарандагони неруи барқ, ҷамъоварии саривақтии маблағи он аз аҳолӣ ва ташкилоту корхонаҳо ва бунёди иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли неруи барқ дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

Вазири кишоварзӣ Қурбон Ҳакимзода ва раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зист Баҳодур Шерализода оид ба истифодаи мақсадноки заминҳо, ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои нав, зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва содироти он ба хориҷи кишвар, рушди соҳаҳои чорводорӣ, зотпарварӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ, растанипарварӣ, зироату сабзавоткорӣ, коркарди саривақтии замин, истифодаи тухмиҳои хушсифат ва нуриҳои минералӣ, инчунин пайомадҳои тағйирёбии иқлим, вазъи экологӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба соҳа ҳисобот доданд.

Вазорати кишоварзӣ, Агентии содирот, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вобаста ба истифодаи мақсадноки заминҳо, омодагии ҳамаҷониба ба мавсими кишти баҳорӣ, хусусан, дар самти истифодаи самараноки ҳар як ваҷаб замин, бо дарназардошти вазъи камборишу хушк омадани тирамоҳи гузашта яхобмонии саривақтӣ, омода намудани пойгоҳҳои обкашӣ, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, риояи қоидаҳои агротехникӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва гирифтани 3-4 ҳосил аз заминҳои корами обӣ, ниҳолшинонӣ, таъмини хоҷагиҳои кишоварзӣ бо тухмии баландсифати зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла тухмии зироатҳои ғалладонагии репродуксияи баланд, инчунин, тухмиҳои ба иқлим мутобиқшуда ва парвариши навъҳои минтақабобгардидаи зироатҳои кишоварзӣ ва ҳамчунин афзун намудани содироти маҳсулоти кишоварзӣ вазифадор гардиданд.

Вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Ҷамолиддин Абдуллозода ва вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ Солеҳа Холмаҳмадзода ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот, таҳия ва нашри китобҳои босифати дарсӣ ва маводи таълимӣ, бунёди мактабҳои наву замонавӣ, тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим, бунёду навсозии бунгоҳҳои тиббӣ ва марказҳои саломатӣ, ҳамчунин бо шуғл таъмин намудани мардум дар маҳалҳо ва рушди ҳунармандию косибӣ вазифадор карда шуданд.

Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ зимни ҳисоботи худ изҳор доштанд, ки соли 2025 аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии кишвар ва дар ин замина баланд бардоштани некуаҳволии сокинони пойтахт, инчунин, ба марҳалаи нави рушд ворид намудани шаҳри Душанбе як қатор иқдомоти созанда татбиқ гардида, 46 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд.

# МАҶЛИСИ ВАСЕИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**23.01.2026, шаҳри Душанбе**



Ба таъкиди Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Душанбе бо нишондиҳандаҳои устувор таъмин шуда, суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ 8,3 фоизро ташкил дод ва буҷети шаҳр 22,2 фоиз барзиёд иҷро гардид.

Дар доираи ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати кишвар раванди бунёди корхонаҳои саноатӣ дар ин давра вусъати тоза касб намуда, 62 корхонаву коргоҳи нави истеҳсолӣ ба истифода дада шуд ва суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 26 фоиз таъмин гардид.

Дар баробари ин, суръати рушди маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ нисбат ба соли 2024 31 фоиз зиёд гардида, ба масоҳати 713 ҳазор метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ ва дигар иншооти иҷтимоию хизматрасонӣ ба истифода супорида шуд.

Аз ҷумла, дар соли 2025 дар шаҳри Душанбе 6 муассисаи таълимӣ барои 19 ҳазор хонанда ва 16 муассисаи томактабӣ барои 3640 тарбиягиранда сохта, ба истифода дода шуд.

Аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар шаҳр дар маҷмуъ 60 километр роҳҳо ба маблағи 406 миллион сомонӣ азнавсозӣ ва асфалтпӯш гардид.

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Алишер Мирзонабот, раиси вилояти Суғд Раҷаб Аҳмадзода ва раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар соли 2025 ҳисобот доданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат ҷиҳати густариш бахшидани раванди омодагӣ ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, иҷрои вазифаҳои дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошташуда, барномаву нақшаҳои қабулнамудаи Ҳукумати мамлакат, ҳалли саривақтии арзу шикоятҳои мардум, дастгирии соҳибкорӣ, тақвияти ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ, таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ, бештар намудани ҳаҷми содироти онҳо, тақвияти фаъолияти муассисаҳои маориф, тандурустӣ ва фарҳанг дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Дар охири кори маҷлиси васеи Ҳукумат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар дар соли 2025 ва вазифаҳо барои соли 2026 суханронӣ намуда, бо натиҷагирӣ аз фаъолияти тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба аъзои Ҳукумат, Дастгоҳи иҷроияи Президент, роҳбарони вазорату идораҳо, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва дигар мақомоти давлатӣ барои рафъи камбудиҳои мавҷуда, иҷрои дастуру супоришҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияву татбиқи нақшаи чорабиниҳои таъминкунандаи пешрафту тараққиёти соҳаҳо ва минтақаҳои кишвар дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор гардиданд, ки иҷрои саривақтӣ ва сифатноки дастуру супоришҳои дар Паёми Президенти мамлакат гузошташударо таъмин намоянд.

Хусусан, ба рушди ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва ҳалли мушкилоту масъалаҳои ҷомеа аз ҳарвақта бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, барои пешгирӣ кардани таъсири омилҳои берунӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҳукумати кишвар, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро вазифадор карданд, ки бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ ва дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин намудани рушди иқтисоди кишвар фаъолияти худро вусъат бахшанд.

Ба ин мақсад зарур дониста шуд, ки ҷиҳати дарёфт ва истифодаи самараноки манбаъҳои нави рушд, инчунин, муайян намудан ва ҷалби сарчашмаҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ ва устувории молиявии кишвар чораҳои судманд андешида шаванд.

Ҳамчунин, дастур дода шуд, ки дар соли ҷорӣ ба масъалаҳои истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, суръат бахшидан ба раванди рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва ташаккули «иқтисоди сабз» эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

Дар робита ба ин, таъкид гардид, ки баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти иқтидори содиротии мамлакат, рушди неруи инсонӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин дар ин самт ба шумор меравад.

Ҳукумати мамлакат вазифадор гардид, ки ҷиҳати таъмин намудани иҷрои супориши Паёми Роҳбари давлат оид ба баланд бардоштани маош, нафақа ва стипендияҳо дар соли равон ва дигар уҳдадориҳои иҷтимоии давлат дар назди мардуми Тоҷикистон чораҳои саривақтӣ андешад.

Дар баробари ин, зарур дониста шуд, ки ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳо ба аҳолӣ, таъмин намудани талаботи рӯзафзуни бозори истеъмолӣ ва дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани таваррум мунтазам чораҷӯйӣ карда шавад.

Ба Вазорати молия ва Кумитаи андоз супориш дода шуд, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати таъмини иҷрои сифатнок ва пурраи қисми даромади буҷети давлатӣ дар соли 2026 чораҳои зарурӣ андешанд.

Дар баробари ин, сохтору мақомоти мазкур вазифадор шуданд, ки ҷиҳати кам намудани бақияпулиҳои андоз ва пешгирӣ кардани пайдоиши бақияпулиҳои нав чораҳои самаранок андешанд.

Дар робита ба камбудиҳо дар самти хароҷоти мақсадноку шаффофи маблағҳои буҷетӣ ва риояи қатъии интизоми молиявӣ вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои буҷетӣ ва дигар ташкилотҳо вазифадор гардиданд, ки камбудиҳои дар ин самт ҷойдоштаро ҳарчи зудтар бартараф карда, истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ ва шаффофияти хароҷоти онҳоро таъмин намоянд.

Аз ҷониби Роҳбари давлат супориш дода шуд, ки дар самти пешгирӣ кардани омилҳои коррупсионӣ дар ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ тадбирҳои иловагӣ ва муассир амалӣ карда шаванд.

Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Бонки миллӣ ва дигар вазорату идораҳо вазифадор карда шуданд, ки иҷрои саривақтӣ ва босифати барномаҳои муштараки ислоҳотро дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ таъмин намоянд.

Дар ин самт зарур дониста шуд, ки ҷиҳати идома додан ва густариши ҷалби маблағҳои грантӣ ва қарзҳои имтиёзнок ба иқтисоди миллӣ, инчунин, дастгирии буҷети давлатӣ чораҳои мушаххас ва самарабахш андешида шаванд.

Илова ба супоришҳои додашуда, аз Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои соҳавӣ ва марказҳои татбиқи лоиҳаҳо талаб карда шуд, ки татбиқи саривақтии лоиҳаҳо ва истифодаи мақсадноки маблағҳоро таҳти назорати доимӣ қарор дода, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта чораҳои фаврӣ ва муассир андешанд.

Ҳамчунин, ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода шуд, ки ҷиҳати афзоиши назарраси ҳаҷми сармояи мустақим тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Аз ҷумла, намояндагиҳои дипломатӣ ва тиҷоратии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар вазифадор карда шуданд, ки муаррифии мунтазами имкониятҳои сармоягузориро ҳамчун вазифаи аввалиндараҷа ба роҳ монда, фаъолияти худро дар самти ҷалби сармояи мустақим ба таври ҷиддӣ тақвият бахшанд.

Бонки миллӣ якҷо бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз ҷониби Роҳбари давлат вазифадор карда шуданд, ки ҷараёни қарздиҳиро самаранок ба роҳ монда, ҳаҷми қарзҳоро ба соҳибкории истеҳсолӣ, хусусан, дар ноҳияҳои дурдасти кишвар бамаротиб афзоиш диҳад.

Ҳамчунин, Бонки миллӣ вазифадор гардид, ки якҷо бо вазорату идораҳо рушди низоми пардохт ва татбиқи пурраи низоми ғайринақдиро дар соҳаҳои савдо ва хизматрасонӣ таъмин намуда, аз 1-уми июли соли 2026 истифодаи ҳатмии рамзи ягона барои соҳибкорони инфиродиро ҷорӣ намояд.

Президенти мамлакат таъкид намуданд, ки татбиқи васеи технологияҳои рақамӣ ва гузариш ба низоми мукаммали пардохтҳои ғайринақдӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамаи соҳаҳо зарурати бечунучарои замон мебошад.

Бинобар ин, барои ҳарчи зудтар татбиқ гардидани раванди рақамикунонӣ иҷрои пурра ва саривақтии супоришҳои додашуда дар ин самт аз ҷониби ҳамаи масъулин бояд сари вақт таъмин карда шавад.

# МАҶЛИСИ ВАСЕИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**23.01.2026, шаҳри Душанбе**



Аз ҷумла, Хадамоти алоқа вазифадор карда шуд, ки дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои мобилӣ чораҳои фаврӣ ва муассир андешида, суръат, сифати хизматрасонӣ ва дастрасии интернетро беҳтар намояд.

Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ вазифадор гардид, ки дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатиро тавассути махзани ягона ба роҳ монад.

Ҳамчунин, ҷиҳати баланд бардоштани шаффофият низоми рақамии мониторинги хароҷоти буҷети давлатӣ марҳала ба марҳала ҷорӣ карда шавад.

Илова бар ин, аз ҷониби Президенти мамлакат ба Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ супориш дода шуд, ки низоми ягонаи рақамии мониторинги лоиҳаҳои давлатии сармоягузориро ҷорӣ карда, риояи интизоми молиявӣ ва баланд бардоштани масъулияти иҷрокунандагонро таъмин намоянд.

Зимни таҳлили вазъи соҳаи саноати кишвар Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки бо дарназардошти захираву имкониятҳои кишвар татбиқи чорабиниҳои вобаста ба саноатикунонии босуръат заминаи ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, хусусан, маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда, таъсиси ҷойҳои корӣ, зиёд намудани содирот ва дар маҷмуъ, рушди иқтисоди миллӣ маҳсуб меёбад.

Бинобар ин, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Вазорати саноат ва технологияҳои нав, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро вазифадор карданд, ки камбудиҳоро бартараф намуда, иҷрои супоришҳоро дар ин самт таъмин ва бо истифода аз ҳамаи захираву имкониятҳо рушди босуръати соҳаро роҳандозӣ намоянд.

Инчунин, якҷо бо вазорату идораҳо иқтидорҳои истеҳсолиро тақвият бахшида, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти рақобатнок ва содироти онро таъмин намоянд ва дар ин замина то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноатро дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 30 фоиз расонанд.

Дар баробари ин, супориш дода шуд, ки ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва азнавтаҷҳизонии онҳо тавассути механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, махсусан, бо ҷалби сармоягузорони ватанӣ чораҳои мушаххас андешида шаванд.

Ҳамчунин, ба мақсади ба роҳ мондани коркарди пурраи маъданҳо ва истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда, аз ҷумла металлҳои ранга ва нодир, ҳамкорӣ бо сармоягузорон густариш дода шавад.

Дар асоси таҳлили фаъолияти низоми энрегетикии кишвар аз ҷониби Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Вазорати энергетика ва захираҳои об, ҷамъиятҳои саҳҳомии «Барқи Тоҷик» ва «Шабакаҳои тақсимоти барқ» супориш дода шуд, ки барои татбиқи саривақтиву босифати лоиҳаҳои кам кардани талафоти неруи барқ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Ҳамчунин, дастур дода шуд, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷорӣ намудани низоми биллингӣ, баҳисобгирии пурраи истифодабарандагон ва ҷамъоварии саривақтии маблағи неруи барқ аз аҳолӣ ва ташкилоту корхонаҳоро таъмин намоянд.

Роҳбари давлат ба масъулини соҳа супориш доданд, ки бо мақсади расидан ба ҳадафи стратегии истиқлоли энергетикӣ ва таъмини пурраи аҳолии кишвар бо неруи барқ амалисозии тадбирҳои вобаста ба рушди иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли неруи барқро вусъат бахшанд.

Аз ҷумла, таъкид гардид, ки соли равон масъалаи сохта, ба истифода супоридани неругоҳҳои барқи офтобиро дар ноҳияҳои Ашт ва Ҷайҳун таъмин намоянд.

Ҷиҳати дар соли 2027 ба истифода супоридани агрегати сеюми неругоҳи барқи обии Роғун Роҳбари давлат ба масъулин супориш доданд, ки корҳои сохтмон ва таъмини иҷрои нақшаи тасдиқгардидаро бо риояи стандартҳои байналмилалӣ суръат бахшанд.

Барои зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва дар ин замина таъмин кардани амнияти озуқаворӣи кишвар Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Кумитаи бехатарии озуқаворӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ, дигар вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро вазифадор карданд, ки ислоҳи камбудиҳои ҷойдоштаро дар соҳа таъмин карда, татбиқи самараноки технологияҳои каммасрафи обёрӣ, истифодаи оқилонаи ҳар як ваҷаб замин, роҳандозии кишти такрорӣ ва гирифтани се – чор ҳосилро роҳандозӣ намоянд.

Таъкид гардид, ки ҳамзамон бо ин, иҷрои дурнамои кишти зироатҳои асосӣ, хусусан, картошка, пахта ва шолиро таъмин намоянд.

Дар баробари ин, Президенти мамлакат ба масъулини соҳа супориш доданд, ки ҷиҳати омодагии ҳамаҷониба ба мавсими кишти баҳорӣ, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, омодасозии пойгоҳҳои обкашӣ, истифодаи тухмиҳои хушсифати зироатҳои кишоварзӣ, риояи қоидаҳои агротехникӣ ва ниҳолшинонӣ, инчунин, рушди соҳаи чорводорӣ чораҳои саривақтӣ андешанд.

Ҳамчунин, дастур дода шуд, ки доир ба хавфҳои эҳтимолии хушксоливу тағйирёбии обу ҳаво ва пешгирӣ намудани пайомадҳои таъсири манфии он чораҳои судманд роҳандозӣ намоянд.

Роҳбари давлат бори дигар таъкид намуданд, ки масъалаи захираи дусолаи маводи хӯрока дар ҳар як оила нисбат ба ҳарвақта мубрам гардида истодааст.

Дар робита ба ин, зарур дониста шуд, ки роҳбарону мутахассисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо доир ба масъалаи захираи зарурии маводи озуқа дар фаслҳои тобистону тирамоҳ бо мардуми кишвар корҳои фаҳмондадиҳиро васеъ роҳандозӣ намоянд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва Хадамоти зиддиинҳисорӣ якҷо бо дигар сохтору мақомоти дахлдор вазифадор шуданд, ки дар самти таъмини фаровонии бозори истеъмолӣ, мониторинги болоравии беасоси нархҳо, пешгирӣ ва бартарафсозии рақобати носолим мунтазам чораҷӯйӣ намоянд.

Ба вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ, дигар вазорату идораҳо, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода шуд, ки ҷиҳати рушди коркарди амиқи ашёи хом, коҳиши талафот ва такмили занҷираи «истеҳсол – коркард – нигоҳдорӣ – фурӯш» тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Ҳамчунин, ба вазоратҳои кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо, агентиҳои содирот, «Тоҷикстандарт» ва Кумитаи бехатарии озуқаворӣ супориш дода шуд, ки доир ба мутобиқсозии маҳсулоти кишоварзӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, тавсеаи бозорҳои хориҷӣ ва ҳавасмандгардонии содироти маҳсулоти ватанӣ тадбирҳои судманд амалӣ намоянд.

Ҳангоми таҳлили вазъи соҳаҳои иҷтимоӣ ба вазоратҳои маориф ва илм, молия ва дигар вазорату идораҳои дахлдор супориш дода шуд, ки ҷиҳати ташкили низоми рақамии фарогир дар кишвар дар самти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва таҷҳизонидани онҳо бо технологияҳои муосири рақамӣ, инчунин, ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати педагогикаи рақамӣ чораҷӯйӣ намоянд.

Инчунин, Вазорати маориф ва илм, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва роҳбарони вазорату идораҳои марбута супориш гирифтанд, ки ҷиҳати то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бартараф намудани камбудиҳои вобаста ба муассисаҳои таълимии садамавӣ ва таъмирталаби соҳа, инчунин, дар се баст фаъолият намудани баъзе аз муассисаҳо бо истифода аз тамоми имкониятҳо чораҳои мушаххас амалӣ намоянд.

Дар баробари ин, ба Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм ва вазорату идораҳои дахлдор супориш дода шуд, ки механизми арзёбии сифати таҳсилотро бо дарназардошти таҷрибаи пешқадам ҳарчи зудтар таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ супориш дода шуд, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти марбута дар самти рақамикунонии соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла бо дарназардошти таҷрибаи пешқадам, ҷиҳати роҳандозии варақаи электронии тиббӣ корҳоро ҷоннок намояд.

Вазорати фарҳанг, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор ва намояндагони ба шаҳру ноҳияҳо вобасташудаи мақомоти марказӣ вазифадор шуданд, ки ҷиҳати ҳалли масъалаҳои вобаста ба муассисаҳои таъмирталаб ва садамавии соҳа чораҳои мушаххас андешанд.

Ҳамчунин, вазоратҳои фарҳанг, корҳои хориҷӣ ва дигар вазорату идораҳои марбута вазифадор гардиданд, ки ҷиҳати муаррифии васеи фарҳангу таърихи миллати тоҷик ҳамкориро бо давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ тақвият бахшанд.

Фурудгоҳҳои байналмилалии кишвар ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадӣ супориш гирифтанд, ки низоми хизматрасонӣ ва иқтидори инфрасохтори худро бо дарназардошти афзоиши шумораи сайёҳон дарояндаи дарозмуддат такмил ва густариш диҳанд.

Дар маҷлиси Ҳукумат Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки ҳадафи асосии эълон гардидани соли 2026 ҳамчун «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» анҷом додани корҳои ободониву созандагӣ дар тамоми қаламрави мамлакат ва ҳамзамон бо ин, боз ҳам боло бурдани сатҳи маърифатнокӣ, худшиносиву худогоҳии миллии аҳолӣ бар пояи таърихи бостонӣ ва фарҳанги пурғановати миллӣ маҳсуб меёбад.

Таъкид гардид, ки баланд бардоштани сатҳи донишу маърифат, тақвияти ҳисси худогоҳиву худшиносии ҳар як сокини кишвар вазифаи муҳимтарин ба ҳисоб рафта, татбиқи корҳои амалии назаррасро тақозо менамояд.

Бинобар ин, Кумитаи телевизион ва радио, Академияи миллии илмҳо, Вазорати маориф ва илм ва дигар вазорату идораҳо вазифадор гардиданд, ки бо ҷалби коршиносону мутахассисон ва олимон ҷиҳати муаррифии таъриху тамаддуни миллати тоҷик ва фарҳанги пурғановати он тадбирҳои амалӣ роҳандозӣ намоянд.

Ба ин мақсад зарур дониста шуд, ки дар самти таҳияи барномаҳои ҷолибу филмҳои мустанад бо забонҳои гуногун ва васеъ пахн намудани онҳо байни ҷавонону наврасон ва ҷомеаи башарӣ чораҷӯйӣ карда шавад.

Дар баробари ин, ба Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим супориш дода шуд, ки дар ҳамкорӣ бо Донишкадаи исломӣ, падару модарон, аҳли зиё ва ходимони дин фаъолияти худро дар самти тарбияи динӣ, бахусус, вобаста ба таълимоти инсонпарваронаи дини ислом, риояи талаботи қонунҳои давлати дунявӣ ва ҳифзи арзишҳои созандаи дини ислом, инчунин, пешгирӣ кардани паҳншавии ифротгароӣ тақвият диҳанд.

Дар охири суханронии худ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дар сатҳи баланд ҷашн гирифтани 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва иҷрои дастуру супоришҳои Роҳбари давлат, ки аз Паёми навбатӣ бармеоянд, ба вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супоришҳои мушаххас доданд.

Аз ҷумла, ба намояндагони ба шаҳру ноҳияҳо вобасташудаи мақомоти марказӣ ва роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо таъкид намуданд, ки ҷиҳати вусъат додани бунёду таҷдиди иншооти банақшагирифташуда ва сифати онҳо корҳои назоратиро пурзӯр намоянд.

Тавре таъкид гардид, мо бояд то ин санаи муқаддас корҳои созандагиро боз ҳам вусъат бахшида, чорабиниҳои ҷашниро бо сатҳу сифати баланд амалӣ созем.

Роҳбари давлат хотирнишон намуданд, ки дар шароити буҳрониву ноороми ҷаҳони имрӯза ҳифзи истиқлолу озодӣ, заҳмат ба хотири пешрафти давлат ва ободии Ватан вазифаи аввалиндараҷаву ҳаррӯзаи ҳар як шаҳрванди бонангу номуси мамлакат маҳсуб меёбад.

Бинобар ин, таъкид гардид, ки ҳар як шаҳрванд ва ҳар як оила бояд бо дарки масъулияти ватансозиву давлатсозӣ, пеш аз ҳама, хонаву кошона ва кӯчаву маҳалли зисти худро таъмиру тармим ва тозаву озода намояд.

Президенти мамлакат таъкид намуданд, ки аъзои Ҳукумат, роҳбарони дигар сохтору мақомоти давлатӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар ин соли бисёр муҳим барои амалӣ намудани супоришҳои Паёми Роҳбари давлат ва қарорҳои Ҳукумати мамлакат, бартараф кардани камбудиву норасоиҳои дар маҷлиси имрӯза зикргардида, супоришу вазифаҳои гузошташуда ва риояи ҳатмии интизоми давлатӣ масъулияти шахсӣ доранд.

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ МАҚОМИ ОМӮЗГОР

## ҚОНУНИ МАЗКУР МАҚОМ, ҲИФЗИ ҲУҚУҚ, КАФОЛАТҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ТАЪМИНИ ИҶРОИ САМАРАНОКИ УҲДАДОРИҲОИ ОМӮЗГОРРО ТАНЗИМ МЕНАМОЯД.

### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) омӯзгор – шахси дорои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ки дар муассисаҳои таълимӣ ба таълиму тарбия машғул мебошад;

2) мақоми омӯзгор – вазъи ҳуқуқӣ, шаъну шараф, таъминоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дахлнопазирии фаъолияти касбии омӯзгор дар ҷомеа;

3) омодасозии омӯзгор – раванди тайёркунӣ, такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва аттестатсияи омӯзгор;

4) бозомӯзӣ - таҳсилоти баъдидипломӣ, ки бо мақсади азхудкунии ихтисоси нав гузаронда мешавад.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақоми омӯзгор**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақоми омӯзгор ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Принсипҳои Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур ба принсипҳои зерин асос меёбад:

1) қонуният;

2) инсондӯстӣ;

3) ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии омӯзгор;

4) мунтазам баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгор;

5) таъмини ҳифзи иҷтимоии омӯзгор;

6) ҳамкории омӯзгор бо падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар раванди таълиму тарбия;

7) дахолат накардан ба фаъолияти касбии омӯзгор;

8) манъи ҷалби омӯзгор ба корҳое, ки бо раванди таълиму тарбия алоқаманд нестанд;

9) манъи санҷиш ва назорати ғайрисоҳавии фаъолияти омӯзгор.

### БОБИ 2. ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ОМӮЗГОР

**Моддаи 4. Дахлнопазирӣ ва ҳифзи шаъну шарафи омӯзгор**

1. Шаъну шарафи омӯзгор дахлнопазир аст.

2. Шаъну шарафи омӯзгор аз ҷониби давлат ҳифз карда мешаванд.

3. Амалҳое, ки бевосита ё бавосита ба паст задани шаъну шарафи омӯзгор равона шудаанд, манъ аст.

**Моддаи 5. Ҳуқуқҳои омӯзгор**

Омӯзгор ҳангоми иҷрои фаъолияти касбӣ ҳуқуқ дорад:

1) аз роҳбарияти муассисаи таълимӣ барои иҷрои фаъолияти омӯзгорӣ таъмини шароити заруриро талаб намояд;

2) муносибати эҳтиромонаро нисбат ба касби худ аз ҷониби таълимгирандагон ва падару модари онҳо (шахсони онҳоро ивазкунанда) талаб намояд;

3) шакл ва усулҳои таълимро тибқи стандартҳои давлатии таҳсилот интихоб намояд;

4) дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва маводи дигари таълимӣ иштирок намояд;




5) бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ озмоишҳои илмию педагогӣ гузаронида, таҷрибаи пешқадамро дар амал татбиқ намояд;

6) дониш, малака ва маҳорати таълимгирандагонро дар раванди таълиму тарбия мустақилона ва воқеъбинона баҳодиҳӣ намояд;

7) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рухсатии меҳнатӣ барояд;

8) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муоинаи тиббӣ гузарад;

9) барои навовариҳои эҷодӣ ва ихтироъкорӣ дар фаъолияти таълимӣ ҳавасманд гардонида шавад;

10) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ машғул шавад;

11) дар давраи фаъолияти омӯзгорӣ хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнокро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъхир гузорад;

12) дар шароити муассисаҳои таълимӣ ва ё хона ба фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ машғул шавад;

13) барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои касбӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон узви иттифоқи касабаи кормандони соҳа бошад;

14) дар кори идоракунии муассисаи таълимӣ, аз ҷумла фаъо¬лияти кори шуроҳо ва комиссияҳо, иштирок намояд;

15) ба бозомӯзӣ ва такмили ихтисос фаро гирифта шавад;

16) шахсонеро, ки ба раванди таълиму тарбия дахл надоранд, ба дарс роҳ надиҳад;

17) ҳангоми расидан ба синни нафақа дар сурати хоҳиш доштан фаъолияти омӯзгориро идома диҳад;

18) аз ҳуқуқҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намояд.

**Моддаи 6. Уҳдадориҳои омӯзгор**

**Омӯзгор уҳдадор аст:**

1) раванди таълиму тарбияро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монад;

2) ба амалҳое, ки шаъну шарафи омӯзгорро дар ҷомеа паст мезананд, роҳ надиҳад;

3) таълимгирандагонро дар руҳияи ватандӯстӣ, риояи қонун, эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, падару модар, атрофиён, насли калонсол, арзишҳои фарҳангию миллӣ, таърихӣ ва муқаддасоти миллӣ тарбия намояд;

4) шаъну шарафи таълимгирандагон ва падару модари онҳо (шахсони онҳоро ивазкунанда)-ро эҳтиром намояд;

5) барои баланд бардоштани сифати таҳсилот тадбирҳои зарурӣ андешад;

6) дар фаъолияти меҳнатӣ қоидаҳои пӯшидани либосҳои тавсияшударо риоя намояд;

7) дар раванди таълиму тарбия ба тарғибу ташвиқи ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ роҳ надиҳад ва таълимгирандагонро ба азхудкунии ғояҳои сиёсию динӣ водор накунад;

8) бо таълимгирандагон, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ ва вазъи иҷтимоӣ, муносибати беғаразона намояд;

9) аз таълимгиранда барои таҳсил, таъмири биноҳои муассисаи таълимӣ, обуна ба нашрияҳо, гузаронидани дарсҳои кушод, зодрӯзи омӯзгор, занги камолот, рӯзи омӯзгор, аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм, театр, кино, корҳои ободонӣ, харидани маводи таълимӣ, методӣ, аёниятҳо, воситаҳои техникӣ ва лавозимоти дигари таълимӣ маблағ талаб накунад;

10) ҳангоми баҳодиҳии сифати таҳсилот меъёри баҳогузориро риоя намояд;

11) уҳдадориҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд.

**Моддаи 7. Маҳдудиятҳо дар фаъолияти омӯзгорӣ**

Фаъолияти омӯзгории шахсони зерин маҳдуд карда мешавад:

1) шахсоне, ки тибқи санади судӣ аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти омӯзгорӣ якумра ё барои давраи муайян маҳрум гардидаанд;

2) шахсоне, ки тибқи хулосаи тиббӣ дорои бемориҳои руҳӣ ё равонӣ мебошанд;

3) шахсоне, ки воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, прекурсорҳо ва ҳаммонанди (аналоги) онҳоро истеъмол мекунанд;

4) шахсоне, ки ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ҷиноят содир кардаанд;

5) шахсоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта, дигар ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин маҳкум шудаанд;

6) шахсони гирифтори бемориҳое, ки номгӯйи онҳо аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тасдиқ карда шудааст.

### БОБИ 3. КАФОЛАТҲО ВА ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ОМӮЗГОР

**Моддаи 8. Кафолатҳо барои омӯзгор**

1. Ба омӯзгор аз ҷониби давлат фаъолияти озоди касбӣ кафолат дода мешавад. Муассисаи таълимӣ ба омӯзгор барои гузаронидани раванди таълиму тарбия шароити зарурӣ фароҳам меоварад. Омӯзгор бо маводи таълимӣ, методӣ, аёниятҳо, воситаҳои техникӣ ва лавозимоти дигари таълимӣ таъмин карда мешавад.

2. Ҳуқуқу манфиатҳои омӯзгор таҳти ҳимояи давлат қарор доранд. Ҷалб кардани омӯзгор ба кору намудҳои фаъолияте, ки ба раванди таълиму тарбия алоқаманд нестанд, манъ аст. Фаъолияти касбии омӯзгор танҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва назорати

соҳаи маориф ва илм мавриди санҷиш ва назорат қарор дода мешавад.

3. Давлат барои ҳифзи саломатии омӯзгор чораҳои зарурӣ меандешад. Омӯзгор аз муоинаи тиббӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, дар муассисаҳои тиббии давлатӣ бо хизматрасониҳои солимгардонӣ фаро гирифта мешавад.

4. Давлат ба омӯзгороне, ки дар деҳот фаъолият мекунанд, ташкили шароити зарурӣро кафолат медиҳад. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки дар доираи имкониятҳои буҷети маҳаллӣ ҷиҳати бо манзили истиқоматӣ ва иҷораи манзили истиқоматӣ таъмин намудани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маблағҳои зарурӣро пешбинӣ карда, барои ба онҳо бе навбат ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ чораандешӣ намоянд.

5. Омӯзгорони муассисаҳои таълимии томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ аз пардохти андози қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва заминхое, ки барои сохтмони манзил ба онҳо ҷудо карда шудаанд, озод мебошанд.

6. Пардохти музди меҳнат ва пардохти маблағи рухсатиҳои меҳнатӣ ба омӯзгор аз ҷониби давлат кафолат дода мешаванд. Батаъхиргузории пардохти музди меҳнат ва пардохти маблағи рухсатиҳои меҳнатии омӯзгор манъ аст. Аз музди меҳнати омӯзгор гирифтани маблағ барои обунаи нашрияҳои ғайрисоҳавӣ, корҳои ободонӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ, харидани маводи таълимӣ, методӣ, аёниятҳо, воситаҳои техникӣ ва лавозимоти дигари таълимӣ манъ аст.

7. Хароҷоти роҳкирои омӯзгорон барои гузаштани курсҳои такмили ихтисос ва сафарҳои хизматии дигари берун аз воҳиди маъмурию ҳудудӣ аз ҷониби муассисаи таълимӣ пардохт карда мешавад.

**Моддаи 9. Ҳавасмандгардонии омӯзгор**

1. Омӯзгорон бо мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ сарфароз гардонида мешаванд.

2. Ба музди меҳнати омӯзгороне, ки дорандаи дараҷа ва унвонҳои илмӣ мебошанд, дар муассисаҳоитаълимӣботартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иловапулӣ ба андозаи 30 дарсади маоши вазифавӣ дода мешавад.

3. Ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна, ки шогирдонашон дар олимпиада ва озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ҷойҳои якум, дуюм ва сеюмро мегиранд, иловапулӣ ба андозаи 20 дарсади музди меҳнати амалкунандаашон дар давоми як соли таҳсили минбаъда пардохт карда мешавад.

4. Ба омӯзгор ҳамасола барои пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо маблағ пардохт карда мешавад.

5. Ба омӯзгор намудҳои дигари ҳавасмандгардонӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, пешниҳод карда мешаванд.

## БОБИ 4.
## ДАХЛНОПАЗИРИИ ФАЪОЛИЯТИ КАСБИИ ОМӮЗГОР, ВАЗИФАҲОИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ВА ТАШКИЛОТҲОИ ДИГАР

**Моддаи 10. Дахлнопазирии касбии фаъолияти омӯзгор**

1. Фаъолияти касбии омӯзгор дахлнопазир аст. Омӯзгор ҳангоми иҷрои вазифаҳои касбӣ аз дахолати мақомоти ғайрисоҳавӣ, таҳқир, зӯроварӣ ва фишор ҳифз карда мешавад.

2. Амалҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ набояд монеаи иҷрои вазифаҳои касбии омӯзгор гарданд. Фаъолияти омӯзгор, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми раванди таълиму тарбия мавриди санҷиш ва назорат қарор дода намешавад. Омӯзгор набояд бо дахолати падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва шахсони алоҳида аз раванди таълиму тарбия дур карда шавад.

3. Мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигар вазифадоранд, ки ҷиҳати ҳифзи дахлнопазирии фаъолияти касбии омӯзгор тадбирҳои зарурӣ андешанд.

4. Аз ҷониби мақомоти давлатӣ оид ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор ва эҳтироми хосса касб намудани мавкеи ӯ дар ҷомеа мунтазам чорабиниҳои гуногун ба роҳ монда мешаванд.

Моддаи 11. Вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои дигар

1. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатиро оид ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

2. Мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳои дигар, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ, оид ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор вазифадоранд:

1) шахсият ва фаъолияти касбии омӯзгорро эҳтиром карда, ба амалӣ гардидани фаъолияти касбии ӯ мусоидат намоянд;

2) омӯзгорро ба кору фаъолияте, ки ба раванди таълиму тарбия вобаста намебошад, аз ҷумла хариду фурӯши либоси мактабӣ, даъват ба хизмати ҳарбӣ, ҷамъоварии маблағҳо барои андозҳо, обуна ба рӯзномаю маҷаллаҳо, фурӯши чиптаҳои чорабиниҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ, фаъолияти кишоварзӣ, ҷалб накунанд;

3) ҳавасмандгардонии омӯзгоронро аз лиҳози моддӣ ва маънавӣ ба роҳ монанд, омӯзгорро, ки таълимгирандагонашон дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ҷойҳои ифтихорӣ гирифтаанд, бо маблағҳои пулӣ сарфароз гардонанд;

4) фаъолияти касбии омӯзгоронро берун аз раванди таълиму тарбия мавриди санҷиш ва назорат қарор надиҳанд;

5) омӯзгоронро вобаста ба масъалаҳои таълимгиранда берун аз вақти корӣ даъват накунанд;

6) корҳои тарғиботию ташвиқотиро оид ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор ба роҳ монанд;

7) бе зарурат аз омӯзгор маълумотнома дар бораи суд шудан ё таҳти таъқиби ҷиноятӣ қарор доштанро талаб накунанд;

8) барои ба роҳ мондани фаъолияти самараноки касбӣ ба омӯзгор шароити зарурӣ фароҳам оваранд;

9) барои гузаронидани муоинаи тиббӣ чораҳои зарурӣ андешанд;

10) тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаштан аз такмили ихтисос маблағ ҷудо намоянд;

11) аз омӯзгор барои обуна ба рӯзномаю маҷаллаҳо, чиптаҳои чорабиниҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ, корҳои ободонии муассисаи таълимӣ, харидани маводи таълимӣ, методӣ, аёниятҳо, воситаҳои техникӣ ва лавозимоти дигари таълимӣ маблағ талаб накунанд;

12) ба омӯзгороне, ки берун аз сарбории муқаррargardидаи таълимӣ сарбории иловагии таълимӣ иҷро мекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон музди меҳнати иловагӣ пардохт намоянд;

13) барои бе навбат гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба омӯзгоре, ки дар деҳот фаъолият дорад, мусоидат намоянд;

14) омӯзгоронеро, ки аз воҳидҳои маъмурию ҳудудии дигар ба деҳот барои таълиму тарбия сафарбар мешаванд, бо манзили истиқоматӣ ё маблағи иҷораи манзили истиқоматӣ таъмин намоянд;

15) иловапулӣ ба музди меҳнати омӯзгорро аз лаҳзаи гирифтани дараҷаи тахассусӣ пардохт намоянд;

16) ба талаб кардани ҳисобот ва ё маълумоте, ки ба фаъолияти омӯзгорӣ алоқаманд намебошад, роҳ надиҳанд;

17) ба омӯзгор барои аъзо шудан ба иттифоқҳои касабаи кормандони соҳа ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳояшон монеа нашаванд;

18) омӯзгорро ба таври афзалиятнок барои сарфароз гардонидан бо мукофотҳои давлатӣ пешниҳод намоянд.

3. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва назорати соҳаи маориф ва илм мониторинги иҷрои талаботи қисми 2 моддаи мазкурро гузаронида, аз натиҷааш ҳамасола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод менамоянд.

## БОБИ 5.
## ОМОДАСОЗИИ ОМӮЗГОР

**Моддаи 12. Тайёркунии омӯзгор**

1. Омӯзгор дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тайёр карда мешавад.

2. Омӯзгор ҳуқуқ дорад дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии давлатӣ ба таври ройгон таҳсилоти олии дуюми равияи омӯзгориро гирад.

**Моддаи 13. Такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгор**

Такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгор тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

**Моддаи 14. Аттестатсияи омӯзгор**

Аттестатсияи омӯзгор бо мақсади муайян намудани дараҷаи тахассус ва такмил додани маҳорати касбии ӯ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

## БОБИ 6.
## МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 15. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Моддаи 16. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Эмомалӣ Раҳмон**
**ш. Душанбе, 17 декабри соли 2025, №2215**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### ОИД БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МАҚОМИ ОМӮЗГОР»

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** Рустами Эмомалӣ
**ш. Душанбе, 15 декабри соли 2025, №117**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### ОИД БА ҚАБУЛ КАРДАНИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МАҚОМИ ОМӮЗГОР»

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ф. Идизода**
**ш. Душанбе, 15 октябри соли 2025, №192**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» эълон намудани соли 2026

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон медиҳам:

1. Соли 2026 «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» эълон карда шавад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои фармони мазкур дар муҳлати як моҳ нақшаи чорабиниҳоро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намояд.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе
17 декабри соли 2025, №1102

# АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Дар соли 2026 Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» баргузор карда шавад.

2. Низомнома, ҳайати комиссия ва ҷоизаҳои Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2 ва 3).

3. Вазоратҳои фарҳанг, маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумитаҳои телевизион ва радио, оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар сатҳи баланд доир гардидани Озмуни мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

4. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо иҷрои талаботи амри мазкурро таъмин ва ҷиҳати ҷалби бештари дӯстдорони санъат ва ҳунар чораҷӯйӣ карда, ғолибони давраҳои якуму дуюми Озмун ва омӯзгорони онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд гардонанд.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои соли 2026 пешбинӣ гардидаанд, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баргузории Озмуни мазкур 8 260 000 (ҳашт миллиону дусаду шаст ҳазор) сомонӣ ба таври нақд ҷудо намояд.

6. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи мақсадноки маблағи ҷудошударо таъмин карда, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи харочоти анҷомдодаро пешниҳод намояд.

7. Назорати иҷрои амри мазкур ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа) гузошта шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе
1 январи соли 2026, №АП-949

# АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Дар соли 2026 Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» баргузор карда шавад.

2. Низомнома, ҳайати комиссия ва ҷоизаи Озмуни ҷумҳуриявии «Илм -фурӯғи маърифат» тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2 ва 3).

3. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, вазоратҳои фарҳанг, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, кишоварзӣ, кумитаҳои телевизион ва радио, кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар сатҳи баланд доир гардидани Озмуни мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

4. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ иҷрои талаботи амри мазкурро таъмин намуда, барои ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён, аспирантону докторантон ва қишрҳои дигари ҷомеа, ки ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, инчунин ихтироъкориву навоварӣ шавқу рағбат доранд, чораҷӯйӣ карда, ғолибонро бо ҷоиза ва омӯзгорони онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд гардонанд.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои соли 2026 пешбинӣ гардидаанд, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баргузории Озмуни мазкур 9 870 000 (нуҳ миллиону ҳаштсаду ҳафтод ҳазор) сомонӣ ба таври нақд ҷудо намояд.

6. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи мақсадноки маблағи ҷудошударо таъмин карда, оид ба харочоти анҷомдода ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд.

7. Назорати иҷрои амри мазкур ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа) гузошта шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе
1 январи соли 2026, №АП-950

# АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Дар соли 2026 озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор карда шавад.

2. Низомнома, ҳайати комиссия, ҷоиза ва рӯйхати адабиёти тавсияшавандаи озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2, 3 ва 4).

3. Вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, кумитаҳои оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, телевизион ва радио, кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дар сатҳи баланд доир гардидани Озмуни мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

4. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо иҷрои талаботи амри мазкурро таъмин намуда, ғолибони Озмун ва омӯзгорон, падару модаронеро, ки шогирдону фарзандонашон дар даври ҷумҳуриявии Озмун барандаи ҷоизаҳо шуданд, аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд гардонанд.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои соли 2026 пешбинӣ гардидаанд, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баргузор гаштани Озмуни мазкур 8 290 000 (ҳашт миллиону дусаду навад ҳазор) сомонӣ ба таври накд ҷудо намояд.

6. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи мақсадноки маблағи ҷудошударо таъмин карда, оид ба харочоти анҷомдода ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд.

7. Назорати иҷрои амри мазкур ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа) гузошта шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе
1 январи соли 2026, №АП-951

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ ва таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мутобиқи моддаҳои 143, 147 ва 149 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», моддаҳои 12 ва 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва моддаи 49 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ» фармон медиҳам:

1. Аз 1 сентябри соли 2026:

- ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ ба андозаи 1300 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад;
- маоши вазифавии кормандони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии соҳаи маориф 25 дарсад зиёд карда шавад;
- маоши вазифавии кормандони муассисаҳои дигари соҳаи маориф, соҳаҳои илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ва муассисаҳои дигари буҷетӣ 20 дарсад зиёд карда шавад;
- андозаи маоши заминавӣ барои ҳисоб намудани маоши вазифавии кормандони соҳаи тандурустӣ 20 дарсад зиёд карда шуда, 893 сомонӣ муқаррар карда шавад;
- андозаи маоши заминавӣ ҳамчун асоси коэффитсиентҳои тарифӣ барои хизматчиёни давлатии мансабҳои маъмурии категорияҳои олӣ 1614 сомонӣ, якум, дуюм, сеюм, чоруми хизмати давлатии мақомоти идораи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот 1506 сомонӣ ва барои мансабҳои маъмурии категорияҳои панҷум, шашум, ҳафтуми хизмати давлатии мақомоти зикргардида 1668 сомонӣ муқаррар карда шавад;
- стипендияҳои амалкунандаи донишҷӯён ва намудҳои дигари стипендия, аз ҷумла стипендияҳои президентӣ (ба ғайр аз курсантҳои муассисаҳои олии ҳарбӣ ва Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба андозаи 20 дарсад зиёд карда шаванд;
- маоши вазифавӣ (меъёрҳои тарифӣ)-и хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва кормандони дигари ин мақомот ба андозаи 20 дарсад зиёд карда шавад;
- маоши заминавӣ барои ҳисоб намудани коэффитсиентҳо барои рутбаҳои ҳарбии хизматчиёни ҳарбӣ ва махсуси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рутбаи қаторӣ то лейтенант 2002 сомонӣ ва аз рутбаи лейтенанти калон то генерали артиш 1800 сомонӣ муқаррар карда шавад;
- андозаи маоши заминавӣ ҳамчун асоси коэффитсиентҳои тарифӣ барои хизматчиёни давлатии мансабҳои маъмурии категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм, чоруми хизмати давлатии мақомоти идораи давлатӣ, ки дар сохторҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолият менамоянд, 1800 сомонӣ ва барои мансабҳои маъмурии категорияҳои панҷум, шашум, ҳафтуми хизмати давлатии мақомоти зикргардида 2002 сомонӣ муқаррар карда шавад;
- нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин иловапулӣ ба онҳо тибқи муқаррароти моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва андозаи нафақаи заминавӣ дар сатҳи таварруми соли 2025, вале на кам аз 15 фоиз аз андозаи муқарраршудаашон индексатсия (зиёд) карда шаванд.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ:

- амалишавии фармони мазкурро дар соли 2026 аз ҳисоби маблағҳои дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маблағгузории фонди музди меҳнат ва таъминоти нафақа пешбинишуда, маблағҳои бақияи озод, иҷрои барзиёди даромади буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, аз ҳисоби сарфаи моддаҳои ҳимояшавандаи буҷет, азнавтақсимкунии моддаҳои дигари харочот, маблағҳои захиравии буҷети давлатӣ ва маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ таъмин намоянд;
- дар муҳлати як моҳ қарорҳои худро ба фармони мазкур мутобиқ намоянд;
- ҳисобкунии музди миёнаи меҳнат барои пардохти рухсатиҳои меҳнатӣ, кумакпулӣ дар вақти аз кор рафтан, кумакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ва ҳолатҳои дигари ба пардохти музди миёнаи меҳнат алоқаманд (ба ғайр аз нафақа)-ро мутобиқи Тартиби ҳисоб кардани музди миёнаи меҳнати корманд дар ҳамаи ҳолатҳо (пардохти кафолатнок ҳангоми иҷрои вазифаҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ, ҳангоми пардохти музди муҳлати рухсатӣ, ҳангоми пардохти музди меҳнати давраи гузаронидан ба кори дигар), ба ғайр аз музди миёнаи меҳнат ҳангоми таъин намудани нафақа, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007, №313 тасдиқ шудааст, амалӣ намоянд.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе
14 январи соли 2026, №1132



# ФАЪОЛИЯТИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМ ДАР СОЛИ 2025 НАТИҶАГИРӢ КАРДА ШУД

**9 январи соли 2026 ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ҷамъбасти фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 ва вазифаҳо барои соли 2026" баргузор гардид.**

Ҷаласа дар толори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур доир шуда, дар кори он муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, муовинони вазири маориф ва илм, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, сардорони сарраёсат, раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо, ректорон (директорони)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, директорони мактаб-интернатҳои ҷумҳуриявӣ, литсею мактабҳои Президентӣ, директорони марказҳои таҳсилоти иловагӣ, дарёфт ва рушди истеъдодҳо, технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия ва китобдорони раёсату шуъбаҳои маориф, инчунин, роҳбарону намояндагони як қатор вазорату идораҳои давлатӣ иштирок намуданд.

Ҷаласа бо садо додани Суруди миллӣ ифтитоҳ гардида, сипас ҳисоботи вазири маориф ва илм "Оид ба ҷамъбасти фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 ва вазифаҳо барои соли 2026" шунида шуд.

Инчунин, вазир фаъолияти вазорат ва зерсохторҳои онро ҳамаҷониба мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, таъкид дошт, ки гарчанде дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби кормандони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм, муассисаҳои тобеъ, сарраёсат, раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳия, муассисаҳои ҳамаи зинаҳои таҳсилот корҳои назаррас ба сомон расонида шуда бошад ҳам, дар татбиқи сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат оид ба рушди босамари низоми маорифи мамлакат, мушкилоту норасоиҳо ҳанӯз ҷой доранд ва бартараф кардани онҳо аз ҳар кадоми мо масъулияти баландро тақозо мекунад.

Сипас, дар қисмати музокираҳо ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Эмомалӣ Насриддинзода, мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ҷаббор Расулови вилояти Суғд Зилола Эгамзода ва директори Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо Муҳаммад Ғафорзода баромад намуда, маърузаи вазири маориф ва илмро "Оид ба ҷамъбасти фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 ва вазифаҳо барои соли 2026" қаноатбахш арзёбӣ намуданд.

Ҳамчунин, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ зимни баргузории ҷаласа суханронӣ карда, иброз дошт, ки тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ соҳаҳои илму маориф дар заминаи таваҷҷуҳи рӯзафзуни Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври чашмрас рушд намуда истодааст. Дар баробари дастовардҳо, мутаассифона дар фаъолияти кории баъзе аз сохторҳои тобеи вазорат, аз ҷумла, Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ ва Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ баъзе камбудиҳо ҷой доранд. Муовини Сарвазири мамлакат фаъолияти сохторҳои зикршударо ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намуда, ҷиҳати беҳтар намудани фаъолияти онҳо дастуру тавсияҳои мушаххас ироа намуд.

Дар охир, вазири маориф ва илм бори дигар ба масъулин ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм, стратегия, барнома, консепсия, қарорҳои ҳайати мушовара, фармоишҳои вазири маориф ва илм ва масъалагузориҳо барои соли 2026 дастуру супоришҳои мушаххас дода, иброз дошт, ки имсол ҷашни муҳимми сиёсӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шукуҳу шаҳомати хос таҷлил мегардад. Дар ин замина, Пешвои муаззами миллат дар Паёми худ пешниҳод карданд, ки соли 2026 Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ эълон карда шавад. Дар ин замина, моро зарур аст, ки ҷиҳати сазовор пешвоз гирифтани ин рӯйдоди таърихию сиёсӣ корҳои ободониву созандагиро беш аз пеш вусъат бахшида, дар самаранок истифода намудани неруи барқ, таҳкими сулҳу субот, рушди устувори давлат, тарбияи насли наврасу ҷавон дар руҳияи худшиносиву худогоҳии миллӣ ва тозаву озода нигоҳ доштани дохилу атрофи муассисаҳои таълимӣ, саҳми арзандаи худро гузорем.

**Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм**

# МАҶЛИСИ РАЁСАТИ ИТТИФОҚИ КАСАБАИ КОРМАНДОНИ МАОРИФ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

26 декабри таҳти раёсати Зулҳия Нозакзода-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо иштироки И.Файзизода-муовини якуми раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон маҷлиси раёсати Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.



Дар маҷлис, нахуст, ҳисоботи раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 шунида шуд.

Сипас М.Қурбонов-муовини раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вазъи фаъолияти нозирони Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025, рафти иҷрои нақшаи чорабиниҳои Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум, Қ.Раҳимов-сардори раёсати кор бо кадрҳо, ташкилӣ ва коргузорӣ оид ба рафти иҷрои қарорҳои пленум, раёсат, нақшаи чорабиниҳои Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025, К.Сангинов-сарнозири ҳуқуқи шуъбаи ҳифзи меҳнат ва ҳуқуқ, оид ба вазъи назорати ҷамъиятии риояи талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба ҳифзи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва касбии аъзои иттифоқи касаба дар Иттифоқи касабаи кормандони маорифи ноҳияи Данғара гузориш доданд.

Дар идомаи маҷлис, ҳамчунин, нақшаи кори Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нимсолаи якуми соли 2026 тасдиқ гардида, оид ба назорати ҷамъиятии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор», дар бораи ба роҳ мондани назорати ҷамъиятӣ оид ба саривақт пардохт гардидани музди меҳнати кормандони соҳа, таъсиси Шӯрои ҷавонони Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм қарорҳои дахлдор қабул карда шуд.

Дар анҷоми маҷлис, раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста таъмини иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба роҳ мондани омӯзиши Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ дар байни кормандони соҳа, иҷрои қарорҳои пленум, раёсат ва нақшаи чорабиниҳои Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм, омодагӣ ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ба аъзоёни раёсат, раисони ташкилотҳои соҳа дастуру супоришҳои дахлдор дода шуд.

# ВОХӮРӢ БО ТАРБИЯТГИРАНДАГОНИ ПАРВАРИШГОҲИ НАЗДИМАКТАБӢ



Бо ташаббуси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи Соли нави мелодӣ дар парваришгоҳи наздимактабии ноҳияи Фархор чорабинии идона баргузор гардид.

Дар чорабинӣ Зариф Назирӣ-раиси ноҳияи Фархор, Зулҳия Нозакзода -раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муҳиддин Ширинзода-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Хатлон ва дигар шахсони масъули ноҳия иштирок дошт. Чорабинӣ бо суханони ифтитоҳии Зариф Назирӣ-раиси ноҳияи Фархор оғоз ёфта, сипас, Зулҳия Нозакзода-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуд, ки таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастгирии кӯдакони ятиму бепарастор ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи давлат қарор дорад.

Мавсуф изҳор дошт, ки таваҷҷуҳу ғамхориҳои Пешвои миллат барои ин табақаи осебпазири ҷомеа пайваста зоҳир гардида, ҳар як кӯдак бояд худро дар партави сиёсати инсонпарваронаи Роҳбари давлат зери ҳимояи доимӣ эҳсос намояд.

Дар идома ба тарбиятгирандагон туҳфаҳои солинавӣ супорида шуда, дастархони идона низ ороста гардид.

Ҳамчунин, роҳбарияти Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазъи хобгоҳи хонандагони муассиса дидан намуда, ҷиҳати боз ҳам хубтару беҳтар намудани ҷойҳои хоб ва гармдиҳии утоқҳо тавсияҳо дода, изҳор доштанд, ки Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳамагуна кумакҳои моддӣ ба парваришгоҳи наздимактабии мазкур омода аст.

Дар охир, раиси ноҳияи Фархор Зариф Назирӣ роҳбарияти Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илмро барои ҳамкорӣ бо "Сипоснома" қадрдонӣ намуд.

Қисмати фарҳангии чорабинӣ бо ширкати кормандони бахши фарҳанги ноҳия зебу таровати хоса бахшида, рӯҳияи идонаро боз ҳам шодтар сохт.

# ШАРҲУ ТАВЗЕҲИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

7 январи соли 2026 дар асоси нақша-чорабиниҳои Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилоят дар маҷлисгоҳи Шурои Иттифоқҳои касабаи вилояти Суғд бо раисони ташкилотҳои ибтидоӣ, омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ оид ба шарҳу тавзеҳи Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вохӯрӣ баргузор гардид.



Мӯсобек Самизода-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилоят вохӯриро ифтитоҳ намуда, сипас, Ғаффорӣ Нуъмонҷон Усмонзода-доктори илмҳои таърих, профессор, мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқии ДДҲБСТ оид ба дастовардҳои соҳаи маориф, дигар соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат дар ин давра андешаронӣ намуд.

Мунира Агзамова-раиси ташкилоти ибтидоии МТМУ №21-и шаҳри Хуҷанд дар идома таъкид дошт, ки Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин санади сарнавиштсоз, роҳнамо бахри иҷрои ҳадафҳои шоиста буда, дар он самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон, нақшаҳои рушди устувори минбаъда дар тамоми самту соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат тарҳрезӣ гардида, вазифа, мақсаду маром, роҳу воситаҳои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ муайян ва мушаххас гардидааст.

Фахриддин Сайфддинов-нозири ҳуқуқи Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд оид ба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақоми омӯзгор", ки маҳз бо пешниҳоду дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати баланд бардоштани мавқеи омӯзгор дар ҷомеа қабул гардидааст, маълумоти муфассал дод.

Ёдовар мешавем, ки тибқи нақша-чорабиниҳои тасдиқгардида дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо бо раисони ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касаба ин гуна вохӯриҳо баргузор шуда истодаанд.

# СУХАН, АНДЕША ВА РИСОЛАТИ ИҶТИМОИИ ШАХСИЯТИ СОҲИБҚАЛАМ



Дар ҷомеаи муосир нақши шахсиятҳои соҳибқалам ва фаъолони иҷтимоӣ ба таври назаррас афзуда, сухан ва андешаи онҳо ба унсури муҳимми ташаккули афкори ҷамъиятӣ табдил ёфтааст. Аз ҷумлаи чунин шахсиятҳо Қурбоналӣ Раҳимзода ба шумор меравад, ки бо фаъолияти пурсамар дар майдони эҷод, андешаи иҷтимоӣ ва кори ҷамъиятӣ мавқеи хосса касб намудааст. Навиштаҳои ӯ зери шиорҳои “Ногуфтаҳое, ки гуфтам...” ва “Рӯзгоре барои ибрат” на танҳо баёнгари ҷаҳонбинии шахсӣ, балки инъикосгари масъалаҳои доғи ҷомеа, арзишҳои маънавӣ ва рисолати шаҳрвандӣ мебошанд.

Қурбоналӣ Раҳимзода ҳамчун шахси соҳибқалам дорои услуби вижаи баён аст. Навиштаҳои ӯ аз содагӣ, равонӣ ва ҳамзамон, умқи маъно фарқ мекунанд. Шиори “Ногуфтаҳое, ки гуфтам...” худ ба худ як падидаи фалсафӣ ва иҷтимоӣ мебошад, зеро дар зери ин унвон андешаҳои ногуфтаи ҷомеа, мушкилоти пинҳон ва масъалаҳои нодидагирифташуда ба сатҳи баҳси ошкоро баровварда мешаванд. Пеш аз ҳама, зери ин шиор мавсуф бештар аз дарди омӯзгор мегӯяд ва проблемаву мушкилоти мактабу омӯзгорро ба майдони баҳс меорад. Ин равиш нишон медиҳад, ки муаллиф ба сухан ҳамчун воситаи масъулиятноки таъсир ба шуури ҷамъиятӣ менигарад, на танҳо ҳамчун абзори баён.

Аз нигоҳи таҳлилӣ, навиштаҳои Қурбоналӣ Раҳимзода дорои мавқеи устувори шаҳрвандӣ мебошанд. Ӯ дар матнҳояш ба адолати иҷтимоӣ, масъулияти шахсӣ, поквиҷдонӣ ва ҳифзи арзишҳои маънавӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунад. Ин сифатҳо осори ӯро ба минбари андеша табдил додаанд, ки дар он хонанда на танҳо маълумот мегирад, балки ба тафаккур, худшиносӣ ва баррасии мавқеи шахсии худ водор мешавад.

Навиштаҳои дигари ӯ зери шиори “Рӯзгоре барои ибрат” идомаи мантиқии ҳамин рисолат аст. Дар доираи ин навиштаҳо муаллиф ба муаррифии шахсиятҳо ва роҳу равиши зиндагии онҳо мепардозад, шахсиятҳое, ки бо кору пайкори худ барои ҷомеа намунаи ибрат мебошанд. Ин гуна матнҳо хусусияти таълимӣ-тарбиявӣ дошта, дар ташаккули ҷаҳонбинии насли ҷавон нақши муассир мебозанд. Дар ин ҷо сухан на танҳо аз нақли зиндагиномаи афрод, балки аз таҳлили таҷрибаи зиндагӣ, арзёбии саҳм ва ҷойгоҳи онҳо дар ҷомеа меравад.

Фаъолияти Қурбоналӣ Раҳимзода дар сохтори иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм ҷанбаи дигари муҳимми фаъолияти ӯст. Дар ин самт ӯ ҳамчун шахси масъулиятшинос ва ташаббускор баромад намуда, дар ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аҳли маориф, боло бурдани нуфузи касби омӯзгор ва таҳкими маърифати касбӣ саҳми назаррас гузоштааст. Омезиши фаъолияти эҷодӣ ва кори ҷамъиятӣ нишон медиҳад, ки ӯ суханро аз амал ҷудо намекунад ва андешаҳои худро бо иқдомҳои воқеӣ тақвият мебахшад.

Аз нигоҳи илмӣ-иҷтимоӣ, таҷриба ва фаъолияти Қурбоналӣ Раҳимзода намунаи ҳамгироии фарҳанги сухан, масъулияти шаҳрвандӣ ва хизмат ба ҷомеа мебошад. Донишу ҷаҳонбинии фарох, садоқат ба арзишҳои касбӣ ва маънавӣ, инчунин, муносибати хирадмандона ба масъалаҳои рӯзмарра ӯро ба шахсияти ибратомӯз табдил додааст. Ин хусусиятҳо, махсусан, барои насли ҷавон аҳаммияти бузург доранд, зеро дар симои ӯ метавон намунаи зиёии муосир ва фаъоли ҷомеаро дид.

Хулоса, Қурбоналӣ Раҳимзода ҳамчун муаллиф, андешаманд ва фаъоли иҷтимоӣ дорои ҷойгоҳи устувор дар фазои маънавию фарҳангии ҷомеа мебошад. Навиштаҳои ӯ на танҳо инъикоси андешаҳои шахсӣ, балки даъват ба худогоҳӣ, адолат ва пешрафти иҷтимоӣ аст.

Дар остонаи зодрӯзи фархундааш метавон бо итминон гуфт, ки роҳи эҷодӣ ва ҷамъиятии ӯ идома дошта, суханаш ҳамчунон равшангар ва роҳнамо барои ҷомеа боқӣ хоҳад монд.

**“Ҳомии омӯзгор”**

# СЕМИНАРИ ОМӮЗИШӢ



Аввали моҳи январи соли ҷорӣ тибқи нақшаи кории Иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳри Душанбе дар осоишгоҳи “Шоҳамбарӣ” бо иштироки раисони ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касабаи муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе семинари омӯзишӣ баргузор гардид. Дар кори семинар-машварат М. Қурбонов-мудири шуъбаи ҳифзи меҳнат ва ҳуқуқи Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қ. Раҳимов-сардори раёсати ташкилӣ, коргузорӣ ва кор бо кадрҳои Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Н. Ҷураева-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳри Душанбе иштирок ва суханронӣ намуданд.

Мақсад аз баргузории семинар-машварати мазкур баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии раисон, такмили малака ва маҳорати касбии онҳо, назорати таъмини ҳифзи ҳуқуқ, манфиатҳои меҳнатии кормандон ва баланд бардоштани обрӯ ва нуфӯзи Иттифоқҳои касаба дар ҷомеа, риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва васеъ гардонидани ҷаҳонбинии фаъолони Иттифоқи касаба дар замони муосир маҳсуб меёбад. Ҳамчунин, вобаста ба шарҳу тавзеҳи Қонуни ҶТ “Дар бораи мақоми омӯзгор” ва Дастурамали коркузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби М.Қурбонов ва Қ.Раҳимов маърӯзаҳо ироа гардида, ҷиҳати амалигардонии онҳо дастур ва тавсияҳои муфид дода шуд.

# НАТИҶАИ САНҶИШИ РИОЯИ ҚОНУНГУЗОРИИ МЕҲНАТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ШАҲРИТУС



Бо фармоиши раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2026, №06 муовини раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммад Қурбонов ва раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Хатлон Муҳиддин Ширинзода ҷиҳати бурдани назорати ҷамъиятии вазъи риояи талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба ҳифзи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва касбии аъзои Иттифоқи касаба дар як қатор муассисаҳои таълимии ноҳияи Шаҳритус санҷиш гузаронида шуд.

Пас аз анҷоми санҷиш, натиҷаҳо дар ҷаласаи махсус бо иштироки намояндагони муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳои дахлдори соҳаи маориф ва фаъолони Иттифоқи касаба мавриди муҳокима қарор дода шуданд. Дар ҷараёни муҳокима масъалаҳои риояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, иҷрои шартномаҳои коллективӣ, ҳифзи иҷтимоии омӯзгорон ва вазъи ҳуҷҷатгузорӣ баррасӣ гардиданд.

Зимни муҳокима як қатор дастовардҳо, аз ҷумла, беҳтар шудани ҳамкории маъмурият бо иттифоқи касаба ва фаъол гардидани нақши ташкилотҳои ибтидоии Иттифоқи касаба таъкид карда шуд. Ҳамзамон, мушкилоти ҷойдошта вобаста ба норасоии маърифати ҳуқуқӣ, камбудиҳо дар иҷрои баъзе талаботи қонунгузории меҳнат ва зарурати тақвияти назорат мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифтанд.

Дар фарҷоми ҷаласа ба масъулон тавсияҳои мушаххас ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо ва боз ҳам таҳкими ҳифзи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва касбии аъзои Иттифоқи касаба пешниҳод гардиданд.

# ШАРҲУ ТАВЗЕҲИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА МУҲОКИМАИ ИҶРОИ СОЗИШНОМАИ МИНТАҚАВӢ ДАР СОҲАИ МАОРИФ

Дар толори маҷлисгоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №56-и ноҳияи Вахш вобаста ба шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳокимаи иҷрои бандҳои Созишномаи минтақавӣ (соҳавӣ) байни шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Вахш ва Иттифоқи касабаи кормандони маориф дар соли 2025 ҷаласа баргузор гардид.



Дар кори ҷаласа Тоҷиддин Абдуллозода-мудири шуъбаи маорифи ноҳия, Носирзода Алишер-мудири шуъбаи кадрҳо, ташкилӣ ва коргузорӣ, Шарифзода Исмоил-нозири ҳуқуқи Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Хатлон, Файзулло Қосимов-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маорифи ноҳияи Вахш, инчунин, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва раисони ташкилотҳои ибтидоии Иттифоқи касаба иштирок намуданд.

Зимни ҷаласа нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, масъалаҳои рушди соҳаи маориф, баланд бардоштани мақоми омӯзгор, ҳифзи иҷтимоии кормандони соҳа ва таъмини сифати таҳсил мавриди шарҳу тавзеҳи муфассал қарор гирифтанд.

Ҳамзамон, ҷараёни иҷрои ӯҳдадориҳои тарафҳо тибқи Созишномаи минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Иштирокчиён оид ба масъалаҳои таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ, риояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, беҳтар намудани шароити кор, тақвияти ҳамкории дуҷониба ва нақши Иттифоқи касаба дар ҳифзи манфиатҳои қонунии омӯзгорон ибрози назар намуданд.

Ёдовар мешавем, ки вобаста ба шарҳу тавзеҳи нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон низ вохӯриҳои судманд баргузор шуда истодаанд.

ҲОМИИ ОМӮЗГОР
Муассис:
Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
e-mail:kasaba_tj@mail.ru

САРМУҲАРРИР
Э. Хушбахт

Телефонҳо:
238- 55-91 - сармуҳаррир
238- 55-82 - раёсати кадрҳо
238- 55-84 - ҳифзи меҳнат
238-55-85 - раёсати молия
Рақами интернетӣ:
(+992) 887-00-55-58

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
З. Нозакзода
М. Ширинзода
М. Самизода
С. Шогузанфаров
Н. Ҷураева

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: М. Қурбонов, Қ. Раҳимов, Ф. Буризода

Моҳнома 31 октябри соли 2012 таҳти рақами 0032/ рз дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шудааст.

Моҳнома ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳоеро низ чоп мекунад, ки метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» (кӯчаи Борбад 36 ) ба чоп расидааст.
Адади нашр: 4800

Нишонии моҳнома:
шаҳри Душанбе, хиёбони
Неъмат Қарабоев-17, гузаргоҳи 1.

ҲОМИИ ОМӮЗГОР
Огози нашр 18 декабри соли 2009